Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25.11.2011, №21/15
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМА

## оид ба кори (лоиҳаи) курсӣ (аз рӯи барномаи бакалавриат)

### 1. Қоидаҳои асосӣ

1) Кори (ё лоиҳаи) курсӣ ҷузъи ҷудонопазири нақшаи таълимии мутахассисони кулли равияҳо ва ихтисосҳо мебошад. Он барои ҳама ихтисосҳои бакалавриат дар курсҳои 2, 3 ва 4 иҷро карда мешавад.

Кори курсӣ аз рӯи барномаи бакалаврҳо фаъолияти фардии донишҷӯ буда, дар зери роҳбарии илмии омӯзгорони кафедраҳои тахассусии факултет, аз ҷумлаи профессорон, дотсентҳо, саромӯзгорон, ассистентҳо ва кормандони илмии кафедраҳо иҷро мегардад.

Бо мақсади таъмин намудани сифати зарурӣ ва гуногуншаклии иҷрои корҳои курсӣ як омӯзгор наметавонад ба кори курсии беш аз 15 нафар донишҷӯ роҳбарӣ кунад. Бо ҳамин мақсад ба омӯзгор рухсат дода мешавад, ки интихоби озмунии донишҷӯёнро гузаронад. Шартҳои озмун бояд дар ҳамбастагӣ бо мавзӯъҳои корҳои курсӣ дар тахтаи девории кафедра овехта шуда, дастраси донишҷӯён гарданд. Ҳар донишҷӯ дар давоми таҳсил на беш аз чор кори курсӣ ба иҷро мерасонад.

Ҳимояи кори курсӣ шарти зарурии ба кредитҳои барои он муқарраргашта соҳиб гаштани донишҷӯ мебошад.

### 2. Талабот ба кори (лоиҳаи) курсӣ

2) Кори курсӣ бояд тадқиқоти илмии мустақили муаллиф дар мавзӯи доғи рӯз бошад ва бо риояи талаботи техникӣ ва бидуни вайрон кардани меъёрҳои академии навишти корҳои хаттӣ таҳия гардад.

3) Кори курсӣ марҳалаи қаблии таҳияи кори дипломӣ мебошад. Он бояд ҷузъҳои мустақилонаи эҷодиёти илмиро доро буда, барои баланд бардоштани омодагии назариявию касбӣ ва амиқ азхуд намудани маводи омӯхташуда кӯмак расонад.

4) Дар баробари таҳияи кори курсӣ масъалаҳои зерин ҳал мегарданд: банизомдарорӣ ва васеъгардонии дониши назариявӣ аз фанҳои тахассусӣ; истифодаи дониши азбаркарда барои ҳалли масъалаҳои мушаххас; инкишоф ва таҳкими малакаҳои фаъолияти мустақилона, азхуд намудани тартиби кор бо масъалае, ки дар кори курсӣ бояд ҳал гардад; назорати рафти кори мустақилонаи донишҷӯ.

5) Кори курсӣ бояд мувофиқати омодагардии донишҷӯро ба салоҳият ва малакаҳои дар стандартҳои таълимии ихтисосҳо ва равияҳои мувофиқ пешбинигашта нишон диҳад ва бар замми ин, иқтидори эҷодию илмии донишҷӯро бозкушояд.

6) Ҳаҷми тахминии кори курсӣ (бе назардошти замимаҳо) барои ихтисосҳои техникӣ бо ҳуруфчинии компютерии якфосила ё якунимфосилаи андозаи ҳарфҳояш 14 бояд дар доираи 30-50 саҳифаи шакли А4 бошад.

7) Кори курсӣ бояд қисматҳои зеринро дарбар гирад:

- варақаи унвон;
- варақаи супориш барои кори курсӣ;
- нақша (мазмун, мундариҷа);
- сарсухан (муқаддима). Дар он муҳим будани мавзӯъ асоснок мешавад, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот баён мегарданд, ҳолати ҳалли масъала ҳайд карда мешавад ва сарчашмаҳои асосии адабиётию меъёрӣ нишон дода мешаванд;
- матни асосӣ. Он бояд на кам аз 2 бобро дарбар гирад. Ҳар бобро 2 ё бештар бандҳо ташкил медиҳанд. Дар бандҳо мазмуни мавзӯъ бо назардошти тартиби пайдарпайии масъалаҳои гузошташуда баён мегардад;
- хулоса. Дар он кори иҷрошуда ҷамъбаст мегардад;
- рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда;
- замимаҳо (агар бошанд).

Қисмати графикии кори курсӣ дар варақаи ҳисобию тавзеҳӣ (дар дохили матни асосӣ ё ҳамчун замима) ва ё берун аз он (дар варақаҳои намуд ва андозаҳояшон аз тарафи роҳбари илмӣ муқарраршуда) иҷро карда мешавад.

## 3. Тартиби интихоби мавзӯъ ва ивази он

8) Кафедраи тахассусӣ рӯзи якуми семестри таълимӣ дар тахтаи деворӣ номгӯи мавзӯъҳои корҳои курсиро бо овардани ному насаби роҳбарони илмӣ меовезад. Мавзӯи кори курсӣ бояд аҳамияти назариявию амалӣ дошта, самтҳо ва ҷанбаҳои нави илмиро, ки ҳанӯз нокифоя омӯхта шудаанд, дарбар гирад, ё масъалаи баҳсталаби илмӣ бошад.

Донишҷӯ масъул аст, ки дар давоми 14 рӯзи аввали семестр мавзӯи кори курсиро интихоб намуда, онро бо роҳбари илмӣ мувофиқа гардонад. Пас аз ин донишҷӯ ба номи декани факултет аризаи намунааш аз тарафи раёсати муассисаи таълимӣ муқарраршударо пешниҳод менамояд, то мавзӯи интихобкардаи ӯ тасдиқ шавад. Деканат аризаро аз қайд гузаронида, бо манбаи маълумот муқоиса мекунад ва дар ҳамоҳангӣ бо кафедраҳои мувофиқ пешниҳоди ягонаро «Оид ба тасдиқи мавзӯъҳои корҳои курсӣ» барои кулли ихтисосҳои факултет тартиб медиҳад.

9) Агар донишҷӯ мавзӯъ ва роҳбари илмияшро бо ягон сабаб сари вақт интихоб карда натавонад, ӯ бояд дар аризаи худ ба деканат сабаби таъхирро асоснок намояд.

10) Донишҷӯе, ки мавзӯи кори курсияшро то мӯҳлатҳои муқарраргашта бе сабабҳои асоснок интихоб накардааст, ё он тасдиқ нашудааст, огоҳии расмӣ мегирад. Агар чунин ҳодиса минбаъд низ такрор шавад, ба донишҷӯ рухсати супоридани сессия дода намешавад.

11) Ивази роҳбари кори курсӣ танҳо дар ҳолатҳои фавқуллода ва ҳатман бо розигии деканати факултет иҷозат дода мешавад. Бо ин мақсад донишҷӯ бояд бо ариза ба деканат муроҷиат намояд.

12) Даровардани ислоҳ ба мавзӯи кори курсӣ дар давоми на дертар аз ҳафтаи шашуми семестри таълимӣ имконпазир аст ва дар ин ҳолат низ донишчу бояд боа риза ба деканат муроҷиат намояд.

## 4. Тартиби иҷро, супоридан

## ва ҳимояи кори (лоиҳаи) курсӣ

13) Донишҷӯ пас аз тасдиқ гаштани мавзӯъ ва роҳбари илмии кори курсӣ нақшаи корро тартиб медиҳад ва онро ба тартиби фардӣ бо роҳбари илмии худ мувофиқа менамояд. Роҳбари илмӣ ӯҳдадор аст, ки донишҷӯро бо варақаи нақшаи таҳияи кори курсӣ таъмин намояд. Мутобиқи нақшаи мазкур донишҷӯ ва роҳбари илмӣ бояд ҳафтае на кам аз як маротиба вохӯриҳо гузаронанд. Масъулияти риояи ин нақша ба дӯши донишҷӯ мебошад. Мувофиқи қарордоди дутарафа алоқаи электронии байни роҳбари илмию донишҷӯ ё истифодаи васоити дигари алоқа низ иҷозат дода мешавад. Агар алоқаи байни донишҷӯ ва роҳбари кори курсӣ дар муддати дароз (се ҳафта ва бештар) имконнопазир бошад, донишҷӯ бояд ба роҳбарияти кафедра муроҷиат намояд. Мудири кафедра вазифадор аст, ки алоқаи донишҷӯ ва роҳбари илмии ӯро барқарор намояд ё зарурати ивази роҳбари кори курсиро бо пешниҳоди номзадҳои дигар тавсия намояд.

14) Дар давоми семестри таҳсил мувофиқи ҷадвали раванди таълим кафедраи мутасаддӣ се маротиба назорати марҳалавии иҷрои корҳои курсиро мегузаронад (дар ҳафтаҳои ҳафтум, чордаҳум ва ҳабдаҳум). Аз рӯи натиҷаҳои ҳар як назорати марҳалавӣ мудири кафедра ба номи декани факултет оид ба рафти иҷрои корҳои курсӣ маълумоти хаттӣ пешниҳод менамояд.

15) Кори курсӣ бояд дар мувофиқа бо ҷадвали тасдиқшудаи ҷараёни таълим ба иҷро расад. Донишҷӯ кори курсии тайёршударо ба роҳбари илмии худ месупорад. Роҳбари кори курсӣ онро тафтиш мекунад (дар мӯҳлати на беш аз як ҳафта баъди супоридани кор) ва дар сурати мавҷуд будани зарурат дар ҳошияи он мулоҳизаҳои тавсиявию танқидии худро қайд намуда, кори курсиро бароиислоҳу мукаммал намудан бармегардонад. Ҳодисаи баргардонидани кори курсӣ метавонад чандинкарата бошад. Роҳбари кори курсӣ вазифадор аст, ки риояи меъёрҳои академии навишти корҳои хаттию графикиро ба инобат гирад.

16) Асосҳо барои баргардонидани кори курсӣ бо мақсади мукаммалгардонӣ чунинанд:

- номувофиқӣ бо мавзӯи қаблан тасдиқшуда;
- ба даст наомадани мақсади кор, ҳал нашудани масъалаи гузошташуда;
- ба талабот номувофиқ будани ҳаҷми кор;
- номувофиқии мазмуни кор бо мавзӯъ ва нақшаи он;
- риоя накардани қоидаҳои иқтибосоварӣ (ба таври механикӣ нусхабардорӣ намудани маводи адабиёт, наовардани истинодҳо, асардуздӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 30 %-и кори курсӣ);

17) Дар сурати пурра ва дуруст ба иҷро расидани кори курсӣ роҳбари кори курсӣ ӯҳдадор аст, ки оид ба он хулосаномаи хаттии худро дар ҳафтаи ҳабдаҳуми семестр ба деканат супорад. Хулосанома) дар Маркази бақайдгирии донишгоҳ сабт гашта, дар парвандаи шахсии донишҷӯ маҳфуз дошта мешавад. Донишҷӯе, ки хулосаномаи роҳбари илмиро соҳиб мешавад, кори курсии худро аз назорати меъёрӣ мегузаронад. Нозири меъёр дар кори курсӣ риоя гаштани қоидаҳои навишти корҳои хаттиро тафтиш намуда, дар ҳолати мусбат пазируфтан онро барои ҳимоя пешниҳод менамояд.

18) Дар хулосанома бояд нишон дода шаванд:

- муҳим будани мавзӯи тадқиқот ва худи тадқиқот, сатҳи ҳалли ин масъала дар адабиёти махсус ва истеҳсолоти муосир;
- аҳамияти илмӣ ва амалии кор;
- навовариҳои илмӣ ё ҷузъҳои он;
- тозагии фикру ақидаҳо ва сатҳи мустақилона иҷро шудани кор (аз ҷумла, риояи меъёрҳои академии навишти корҳои хаттӣ);
- ҳаққонӣ будани хулосаҳои бароварда, мувофиқати хулосаҳо ба воқеият;
- мувофиқ будани донишҷӯ ба малакаю салоҳиятҳое, ки донишҷӯёни равия ва курси мазкур бояд онҳоро соҳиб бошанд;

– мувофиқати кор ба талабот нисбат ба тартибдиҳию ороиш, ки дар дастурҳои муқарраршуда оварда шудаанд.

Хулосанавис дар поёни хулосанома таассуроти умумияшро нисбат ба кор қайд намуда, баҳои худро пешниҳод менамояд.

19) Хулоса бо имзо (бо овардани ному насаб ва вазифаи хулосанавис) ва таърихи таҳияи он тасдиқ карда мешавад.

20) Ҳимояи кори курсӣ пеш аз сессияи имтиҳонӣ мувофиқи ҷадвали аз тарафи деканат тасдиқшуда дар комиссияи кафедравӣ гузаронида мешавад. Ба ҳайати комиссия роҳбари илмии кори курсӣ низ шомил мегардад. Ҳангоми ҳимоя донишҷӯ ҷанбаҳои асосии мавзӯи омӯхтаашро ба таври кӯтоҳ баён намуда, хулосаҳояшро асоснок мегардонад ва доир ба моҳияти қайдҳои танқидии роҳбари илмӣ шарҳи худро пешниҳод менамояд. Дар фароварди маърӯза донишҷӯ ба саволҳои додашуда ҷавоб медиҳад. Ҷавобҳо бояд кӯтоҳ, вале мукаммал бошанд.

21) Баҳо дар дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯ ва варақаи баҳогузорӣ қайд мегардад. Донишҷӯе, ки кори курсиро насупорид, онро ҳимоя накард, ё дар натиҷаи ҳимоя сазовори баҳои «0» мегардад, аз кредитҳои барои кори курсӣ муқарраргашта бенасиб мемонад.

## 5. Маҳакҳои баҳогузории кори (лоиҳаи) курсӣ

22) Баҳои кори курсӣ ҷанбаҳои зеринро ба назар мегирад:

– сатҳи ҳал гаштани мавзӯъ;
– истифодаи адабиёти махсус, маводи меъёрӣ;
– муносибати эҷодӣ ба таҳияи кори курсӣ;
– дурустӣ ва асоснокии илмии хулосаҳо;
– тарзи баён;
– башаклдарории (навишти) ботартиби кори курсӣ;
– натиҷаҳои ҳимояи кори курсӣ.

23) Баҳои кори курсӣ аз рӯи маҳакҳои зерин гузошта мешавад:

Баҳои «9» ё «10» гузошта мешаванд, агар кори курсӣ ба талаботи банди 4-и Низомномаи мазкур пурра мувофиқат намояд.

Баҳо то «6» - «8» паст карда мешавад, агар дар кори курсӣ қоидаҳои навишт вайрон шуда бошанд ё дар рафти ҳимоя камбудиҳо ба назар расанд.

Баҳо метавонад то «1» - «5» паст карда шавад, агар мӯҳлатҳои супоридани кор риоя нагарданд, кор рефератӣ, яъне бетаҳлил бошад ва агар дар он ҷузъҳои риоя нагаштани қоидаҳои таҳияи корҳои хаттӣ (асардуздӣ) вохӯранд.

Баҳои «0» гузошта мешавад, агар дар кори курсӣ вайроншавии ҷиддии қоидаҳои навишти корҳои хаттӣ ҷой дошта бошад ё мавзӯи кори курсӣ бо мазмунаш мувофиқат накунад.